***УДК-34(09)***
***DOI****10.24412/2411-1945-2022-2-16-22*

***ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ПАЙДОИШИ ҲУҚУҚИ МУСУЛМОНӢ (ТАДҚИҚИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ)***

***Обидов Дилшод Солиҷонович**, н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ВОЗНИКНОВЕНИЯ МУСУЛЬМАНСКОГО ПРАВА (ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ И ИСТОРИКО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ)***

***Обидов Дилшод Солиджонович**, канд. юрид. наук, доцент, зав. кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***ON SOME ISSUES OF MOSLEMIC LAW EMERGENCY (THEORETICAL AND HISTORICO-LEGAL INVESTIGATION)***

***Obidov Dilshod Solidjonovich**, candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of the history of state and law under the juridical faculty of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)**E-MAIL:** ODS-1976@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** генезиси ҳуқуқи мусулмонӣ, қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ, давраҳои фарҳангӣ-таърихӣ, ташаккули ҳуқуқи мусулмонӣ, мактабҳои ҳуқуқӣ, адолати судӣ, мононорма*

*Дар партави назарияи муосири генезиси ҳуқуқ масъалаи пайдоиши ҳуқуқи мусулмонӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Дар ин самт, ба масъалаҳои мувофиқ наомадани мавқеи назарияи анъанавии давлат ва ҳуқуқ бо ҳуқуқи мусулмонӣ дар масъалаи пайдоиши ҳуқуқ, роҳи хосаи пайдоиши ҳуқуқи мусулмонӣ таҳти таъсири қонуниятҳои умумиҷаҳонии генезиси ҳуқуқ диққати асосӣ дода шудааст. Ҳамчунин масъалаи ба ҳуқуқи мусулмонӣ дар ҷараёни ташаккули таърихии он хос будани ду давраи фарҳангӣ-таърихии инкишоф, нақши адолати судӣ дар хислати расмӣ гирифтани ҳуқуқи мусулмонӣ ва дар ин замина ба вуҷуд омадани мактабҳои ҳуқуқӣ (мазҳабҳо) тадқиқ гардидааст. Дар мақола андеша оид ба он ки мактабҳои ҳуқуқӣ ба сифати пайвандгарони давраи аввали фарҳангӣ-таърихии рушди ҳуқуқи мусулмонӣ бо давраи минбаъдаи хислати динамикӣ доштаи инкишофи он баромад менамоянд, иброз мешавад. Дар ин самт ба хусусияти дар генезиси ҳуқуқи мусулмонӣ инъикос ёфтани сифатҳои қоидаҳои рафтори аҳди бостон аҳамияти асосии тадқиқотӣ равона карда шудааст.*

***Ключевые слова:** генезис мусульманского права, общемировые закономерности правогенезиса, культурно-исторический период, становление мусульманского права, правовые школы, правосудие, мононорма*

*Предпринята попытка исследования проблемы зарождения мусульманского права в свете современной теории генезиса права. Основное исследовательское внимание было направлено на осмысление проблем, связанных с несоответствием положений традиционной науки теории государства и права мусульманскому праву в вопросе зарождения права, на особый путь возникновения мусульманского права под влиянием общемировых закономерностей правогенеза. Выделены особенности исторического становления мусульманского права, которому были присущи два культурно-исторических периода развития, поставлен вопрос о роли правосудия в процессе приобретения*

*мусульманским правом официального статуса и зарождения правовых школ (мазхабов) как связующих звеньев первого культурно-исторического периода развития мусульманского права, с последующим периодом, которому уже становится присущ динамизм. Показано отражение в генезисе мусульманского права свойств и характеристик поведения древней эпохи.*

***Key-words***: *genesis of Moslemic law, general world regularities of law genesis, cultural-historic period, formation of Moslemic law, legal schools, justice, mononorm*

*The author of the article takes an endeavour to investigate the problems of Moslemic law emergence in the light of modern theory of law genesis. The main investigative attention was targeted at comprehension of problems connected with non-correspondence of the provisions of the traditional science dealing with the state and law theory to Moslemic law in the question of law conception; the author's undertakings being aimed at an especial way of Moslemic law emergence under the sway of general world regularities of law genesis. The specifities of the historic formation of Moslemic law for which two cultural-historic periods of development were designated are singled out, there is put a question concerned with the role of justice in the procces of acquiring an officials status by Moslemic law and of the origin of legal schools (**mazhabs**) as linking ties of the first cultural-historic period of Moslemic law development with the consequential one; dynamism being inherent already in the second. Moslemic law genesis reflects, as it is shown, properties and features of ancient epoch behavior.*

Дар илми анъанавии назарияи давлат ва ҳуқуқ ба масъалаи генезиси ҳуқуқи мусулмонӣ ва умуман низомҳои ҳуқуқи динии дигар аҳамияти ҷиддӣ дода нашудааст.[14, с.63-65] Дар китобҳои дарсӣ аз фанни назарияи давлат ва ҳуқуқ оид ба ин масъала мавзӯъҳои алоҳида мавҷуд набуда, он аҳёнан дар дохили мавзӯъҳои дигар (масалан, вобаста ба низомҳои ҳуқуқӣ) баррасӣ гардидааст. Чунин анъанаи илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии муосири собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ чун урфу одат боқӣ монда, аз мадди назари олимон дур нарафтааст.

Аммо имрӯз бо назардошти методологияи нави тадқиқи генезиси ҳуқуқ муайян шудааст, ки ҳуқуқ низ монанди давлат қонуниятҳои ба худ хоси пайдоиш ва ташаккули таърихӣ дорад. Он дар асли пайдоиши худ маҳсули фаъолияти давлат нест ва дар ин ё он низоми ҳуқуқӣ новобаста аз давлат амал мекунад.

Он қонуниятҳое, ки Ф.Энгелс дар китоби худ «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» муайян карда буд, ба ҳуқуқи позитивӣ мувофиқ буда, масалан, дар муносибат ба ҳуқуқи мусулмонӣ амал намекунанд.[15]

Ҳуқуқи тасаввур кардаи Ф.Энгелс дар пайдоиши худ бо давлат алоқаи зич дорад ва маҳсули фаъолияти он мебошад. Аммо дар ислом ҳуқуқ бе зарурати давлат ба вуҷуд меояд. Чунин ҳолат, албатта, масъалаи мувофиқ будан ё набудани пайдоиши ҳуқуқи мусулмонӣ ба назарияи анъанавии пайдоиши давлат ва ҳуқуқро мубрам менамояд.

Айни ҳол, ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун яке аз низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ аз ҷониби олимон эътироф гардидааст.[4, с.310] Чунин сифати ҳуқуқи мусулмониро бо назардошти он хислат бояд ба назар гирифт, ки ин низоми ҳуқуқӣ дар асли пайдоиши худ хислати динӣ дошта, дар даврае ба вуҷуд омад, ки ҷамъияти арабҳо ҳанӯз дар ҷараёни гузариш аз сатҳи авлодӣ ба сатҳи синфӣ қарор дошт. Яъне, дар ҳуқуқи мусулмонии имрӯз амалкунанда низ фарҳанги ду давраи ташаккул ва инкишофи он мавҷуд аст. Фарҳанги давраи аввал, бешак, хусусиятҳои ҷамъияти авлодиро инъикос мекунад. Ба ин давраи инкишофи ҳуқуқи мусулмонӣ сифатҳои асосии мононорма, ба мисли хислати муқаддаси динӣ доштани сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, абадӣ, тағйирнопазир, бенуқсон будани онҳо, дар меъёрҳои ин сарчашмаҳо якҷоя ва бо ҳам часпида омадани ҳуқуқ, ахлоқ, дин ва урф хос

аст. Ҳамчунин ҳуқуқи ин давра бештар сифати статикӣ дорад. Давраи мазкур тақрибан аз соли 610 (612) то соли 632 – ро дар бар мегирад.

Дар таълимоти муҳаққиқони муосир замони аввали нузули ислом ҳамчун давраи классикии исломӣ маънидод карда мешавад.[2] Дар ин самт, тадқиқи андешаҳои олимони исломӣ ба хулосае меорад, ки дар давраи мазкур тавассути робитаи кайҳон бо инсон ҳуқуқи динӣ ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои динӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одатӣ, эстетикӣ ва ғайраҳо аз кайҳон ба инсон эҳдо гардид ва ин ҳолат давоми он чараён аст, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо зимни робитаи кайҳон бо инсон дар минтақаҳои гуногуни замин давом мекунад.

Яъне, аз нигоҳи фарҳанги давраи аввали ташаккулу рушди ҳуқуқи мусулмонӣ мафҳуми ҳуқуқ, чараёни пайдоиши он хусусияти софи диниву кайҳонӣ дорад. Ҳуқуқ на ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки маҷмӯи қоидаҳои динӣ, ахлоқӣ, одатӣ, эстетикӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Пайвастагии фаҳмиши чунин ҳуқуқ бо адолату додгустарӣ дар дараҷаи баланд қарор дорад. Аз ҳамин сабаб низ, дар сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мусулмонӣ – Қуръон ва Суннат диққат ва таваҷҷӯҳи зиёд ба адолат, додгустарии боадл равона гардидааст.[8, с.11-13] Дар Қуръон бошад принсипи ба «Рӯзи бузургӣ қазовати боадли Аллоҳ» равона будани тақдири ниҳоии инсоният ва дигар мавҷудот махсус таъкид карда мешавад.[6]

Чунин сифатҳои фарҳанги давраи аввали ташаккулу инкишофи ҳуқуқи мусулмонӣ ба давраи минбаъдаи рушди он таъсири бузург дошта, меҳвару моҳияти онро муайян кардааст. Давраи дуюм, ки назар ба давраи аввал марҳилаи бузурги ташаккули таърихии ҳуқуқи мусулмониро дар бар мегирад, ба замоне рост омад, ки арабҳо бо сабаби ислом аввал ба ҳуқуқ ва, сониян, ба давлатдории худ расиданд, ки он дар таърих бо номи Хилофати Араб маълум аст. Дар ин давра гузариши айнии ҷамъияти арабҳо аз сохти авлодӣ ба сохти синфӣ ба амал меояд, ки дар натиҷа шумораи зиёди муносибатҳои ҷамъиятии нав ба нав ба миён омада, зарурати мутобиқ намудани ҳуқуқи мусулмонии давраи аввалро ба шароитҳои нав талаб мекунад. Бинобар ин, ба фарҳанги давраи дуюми инкишофи ҳуқуқи мусулмонӣ вижагии динамикӣ хос аст. Ҳуқуқи ин давра бо хусусиятҳои майл ба ратсионализм, тағйирпазирӣ, аз байн бурдани норасоиҳо маънидод карда мешавад. Ин ҳуқуқ яку якбора дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеояд. Дар он шароите, ки муносибатҳои нав ба нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд ва ҳуқуқи мусулмонии давраи аввали ташаккули фарҳангӣ-таърихии он ба талаботи танзими муносибатҳои сохти синфии инкишофёфтаистодаи ҷамъият мувофиқат намекунад, ҳамчун омили пайвандкунандаи ин ҳуқуқи муқаддаси диниву кайҳонӣ бо давраи минбаъда мактабҳои ҳуқуқӣ (мазҳабҳо) рӯи кор меоянд. То ба вуҷуд омадани ин мактабҳо дар шароити мавҷуд набудани давлатдории баркамол институтҳои судӣ (ҳакамҳо, қозиҳо) тавассути татбиқи адолати судӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонии давраи аввали фарҳангии инкишофи он хислати расмӣ медиҳанд. Чунин иқдоми мубраме, ки адолати судӣ дар он давра ба ӯҳда дошт, минбаъд таҳти таъсири муносибатҳои нави ҷамъиятӣ зарурати мутобиқ намудани сарчашмаҳои муқаддаси давраи аввали фарҳангии ташаккули ҳуқуқи мусулмониро (яъне, Қуръон ва Суннатро) бо давраи дуюми инкишофи он, ки дар шароити ҷамъияти синфӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ қарор дошт, ба миён овард. Дар натиҷа олимони машҳури ҳуқуқшиноси исломӣ, ки аксари онҳо бо татбиқи адолати судӣ ва маънидоди назариявии он машғул буданд, ба тафсири илмии Қуръон ва Суннат пардохтанд. Чунин ҳолат минбаъд ба пайдоиши мактабҳои ҳуқуқии локалӣ ва баъдан мактабҳои ҳуқуқии баркамол оварда мерасонад.

Бояд гуфт, ки дар таърихи ҳуқуқи мусулмонӣ ҳуқуқи давраи дуюми инкишофи фарҳангии он дар худ фиқҳро таҷассум мекунад. Фиқҳ ҳамчун маҷмӯи назарияҳои илмӣ оид ба паҳлӯҳои мухталифи ҳуқуқи мусулмонӣ дар асли худ аз таълимоти паёмбар Муҳаммад бармеояд. Минбаъд тафсири илмии сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мусулмонӣ – Қуръон ва Суннат тавассути ба роҳбарӣ гирифтани усулҳои фиқҳии бунёдгузоштаи паёмбар барои дар шакл ва мазмуни пурра ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи мусулмонӣ муқаррар шудани фиқҳ дар давраи дуюм замина мегузорад. Дар ин раванд саҳми мактабҳои ҳуқуқии

мусулмонӣ, хусусан мактаби ҳуқуқии ақлгароёни кӯфагӣ, ки меҳвари онро минбаъд мактаби ҳуқуқии ҳанафия ташкил медиҳад, бузург аст.

Ҳамин тавр, табиати генезиси ҳуқуқи мусулмонӣ, ду давраи алоҳидаи фарҳангӣ-таърихии инкишофи он минбаъд ба тарҳрезии сохтори ҳуқуқи мусулмонӣ ҳамчун низоми ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Олимони машҳур, профессор Л.Р. Сюкияйнен ва профессор А.Ғ. Холиқов дар тадқиқоти худ ба проблемаи сохтори ҳуқуқи мусулмонӣ аҳамияти алоҳида додаанд. Онҳо зикр мекунанд, ки ҳуқуқи мусулмонӣ мувофиқи сохтори таркибии худ аз шариат ва фиқҳ иборат аст.[11, с.31-64,79-99; 13, с.71-97] Дигар олимон низ асосан чунин ақида доранд.[5; 1, с.53-58]

Аммо дар тадқиқоти аксари муҳаққиқони ин соҳа масъалаи номбурда қариб, ки аз нигоҳи фарҳангӣ-таърихии инкишофи ҳуқуқи мусулмонӣ тадқиқ нагардидааст.

Бинобар ин, имрӯз зарурати истифодаи методологияи нави омӯзиши ин масъала ба миён омадааст. Пеш аз ҳама, дар ин самт бояд назарияи муосири генезиси ҳуқуқ ба инобат гирифта шавад. Зеро, танҳо тавассути ба роҳбарӣ гирифтани ин назария имконият фароҳам меояд дарк намоем, ки дар ҷамъияти нимҷазираи Арабистони оғози асри VII аввал ҳуқуқ ба вуҷуд меояд ва ин ҳуқуқ дар пайдоиш ва инкишофи худ на бо давлат, балки бо кайҳон алоқамандӣ дорад. Илова бар ин, ҳуқуқи пайдошуда минбаъд барои ташкилёбии давлат мусоидат менамояд.

Чунин воқеъияте, ки ба генезиси ҳуқуқи мусулмонӣ хос аст, бо консепсияи маъмули қабулшуда дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мувофиқат намекунад. Ин ҳайратовар нест, зеро дар илми анъанавии назарияи давлат ва ҳуқуқ аз замони шӯравӣ оғоз карда, то ҳол таҳти таъсири консепсияи марксистии пайдоиши давлат ва ҳуқуқ назарияи позитивӣ ҳукмрон аст. Тибқи он ҳуқуқ дар алоқамандӣ бо давлат ва вобаста ба он ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, ҳамчун сабабҳои пайдоиши ҳуқуқ ҳамон сабабҳои пайдоиши давлат муайян гардидаанд. Чунин назар ва самти тадқиқ мавҷуд будани сабабҳои хоса ва қонуниятҳои пайдоиши ҳуқуқро ба мадди назар намегирад. Ҳол он ки ба назар гирифтани ин сабабҳову қонуниятҳо имконият фароҳам меорад то дарк намоем, ки ҳуқуқ дар пайдоиши худ назар ба давлат таърихи тӯлонӣ дошта, қонуниятҳои пайдоиши он бо эволютсияи умумиҷаҳонӣ, зинаҳои табиӣ ва иҷтимоии ташаккули инсон алоқамандии зич дорад. Дар ибтидои пайдоиши чунин ҳуқуқ ба он ҳатман хислатҳои мазмуни диниву асотирӣ доштан, муқаддас будан, бенуқсонӣ ва тағйирнопазирӣ хос буданд. Давраи ибтидоии инкишофи чунин ҳуқуқро маҷмӯи қоидаҳои фаъолияти инсони ибтидоӣ дар муносибат бо табиат ташкил медиҳад, ки дар асоси он рефлексҳо ва инстинктҳо (ғариза ё савқи табиӣ) қарор доштанд. Таҳти таъсири ҳамҷояи онҳо минбаъд рафтори инсон дар ҷараёни эволютсионӣ тағйир ва инкишоф меёбад. Дар асли рушди рафтори инсони тоиҷтимоӣ зимни таъсироти мутақобилаи рефлексҳо ва инстинктҳо зиддияти ду омили дохилӣ – кӯҳнапарастӣ ва майл ба тағйирот ҷой доштанд. Тавассути зиддияти омилҳои мазкур рафтори рӯҳӣ инкишоф ёфта, минбаъд то ба сатҳи қолаб ё қоидаи муайян рушд менамояд. Дар алоқамандӣ ба ин, олими машҳури соҳаи психология С.Л. Рубинштейн қайд менамояд, ки инкишофи шаклҳои гуногуни рафтор дар натиҷаи муборизаи ду тамоюли ба ҳам зид – ирсият ва тағйирпазирӣ, устуворӣ ва нопойдорӣ ба амал меояд. Дар ҳар як шакли рафтор дар ин ё он андоза ҳар ду тамоюл ҷой доранд. Аммо дар раванди инкишоф таносуб, андозаи байни онҳо тағйир меёбад ва чунин тағйироти андозаи онҳо дар баъзе нуқтаҳои умдаи инкишоф ба тағйирёбии сифатии навъи рафтор оварда мерасонад.[10, с.118]

Аз ин нигоҳ, дар ҷараёни эволютсионии инсон рафтори ӯ дар чанд зина ва ё навъ ташаккул меёбад.

Бояд гуфт, ташаккулу инкишофи инсон аз сатҳи табиат ба сатҳи ҷамъият давраи бузурги таърихиро дар бар мегирифт. Чунин ҳолат оиди он гувоҳӣ медиҳад, ки гузариш аз сатҳи идроки рефлектории олами атроф ба сатҳи фаҳмиши бошууронаи он аз нигоҳӣ

таърихӣ ҷараёни мураккаб ва хеле тӯлонӣ буда, хусусиятҳои хоси ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекард. Дар шуури инсони аҳди аввал дар оғози гузариш аз сатҳи табиатӣ ба сатҳи иҷтимоӣ олами атроф дар як намуди умумӣ қабул мешуд, дар он фарқи байни табиат ва ҷамъият, вақти ҷадвалӣ мавҷуд набуд. Ин ҷо ҳатман бояд нақши манзараи ҷаҳонбинии инсони он давраро зикр намуд, ки дар он ҳар як факти психикӣ ҳамчун ҷузъи ҳастии амалӣ ва дар як вақт инъикоси идеалии он зоҳир мегардид. Бинобар ин, ҷаҳонбинии якҷоя ё муттасили мавҷудаи инсон тақозо мекард, ки қоидаҳои рафтори ҷойдошта низ чунин якҷоя ё муттасил бошанд. Механизми мавҷудаи танзимкунандаи рафтор низ, пеш аз ҳама, тавассути дин муаррифӣ гардида, мазмуни ба таври доимӣ муқарраршуда, тағйирнопазир, абадӣ ва бенуқсониро дар худ инъикос менамуд. Лозим ба ёдоварист, ки дар аҳди қадим шаклҳои бармаҳали ҳуқуқ, институтҳои ибтидоии оила ва ҷомеа дар худ асли диниро инъикос менамуданд. Ба ин ҳолат олими машҳури фаронсавӣ Фюстел де Куланж махсус ишора менамояд.[12, с.3, 28-29,136-137] Ба фикри мо дар минтақаи Шарқ чунин хусусият мустаҳкамии бештар дошт. Зеро ин минтақа аз аҳди қадим ҳамчун гаҳвораи тамаддуни динҳои мухталиф баромад мекунад.

Хулоса, метавон ба андешае омад, ки дар аҳди қадим ва минбаъд то ба гузариш ба сатҳи ҷамъияти синфӣ ҷаҳонбинии инсон ва қоидаҳои мавҷудаи танзимкунанда хислати динӣ, якҷояву муттасил ва тағйирнопазиру бенуқсон доштанд. Ба меъёрҳои рафтори ин давра мазмуни мононорма[7, с. 93-96] хос аст. Мононорма ҳамчун қоидаи рафтори тақсимношудаи синкретӣ баромад мекунад, ки дар он дин, ахлоқ, урф ва ҳуқуқ аз ҳам ҷудо буда наметавонанд, онҳо бо ҳам дар пайвастагии зич қарор доранд. Оиди хусусияти мононорма А.И. Першитс махсус таъкид мекунад, ки дар он хусусиятҳои ҳар як меъёри рафтор инъикос меёбанд.[9, с.210-240]

Дар аҳди мавҷудияти фарҳанги нонавишта хислати якҷоя ва муттасилӣ ғайр аз мононорма, ҳамчунин ба ҷаҳонбинӣ, шуур ва тамоми паҳлӯҳои дигари ҳаёти инсон хос буд. Яъне қобилияти таҳлили алоҳидаи як падида бе алоқамандии он бо падидаи дигар ҳоло вуҷуд надошт. Бисёр муаммоҳои ҷойдошта ба инсон имкон намедоданд, ки дар сатҳи ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти худ рушд намояд. Ба ҳар ҳол ин ҳолат то ба давраи расидан ба сатҳи ҷомеаи синфӣ давом мекунад.

Дар ҷамъияти ибтидоӣ, масалан, инсон дарк карда наметавонист, ки мононорма ё қоидаҳои рафтори мавҷуда кай, аз куҷо, тавассути кадом механизми эҷоди қоида ба вуҷуд омадаанд. Аз ин лиҳоз, ин меъёрҳо хислати динӣ ё сакралӣ доштанд. Ин ҳолат тақозо мекард, ки ҳудуди фаъолияти меъёрҳои номбурда аз доираи муносибатҳои байни одамон берун рафта, олами фавқуттабиирo низ фаро гирад. Бинобар ин, сифати мазкур ба мононорма имкон фароҳам меорад то иҷрои меъёрҳои он бидуни ёрии дастгоҳи махсуси маҷбуркунӣ (яъне, давлат) тавассути қувваҳои ғайритабиӣ ва кайҳонӣ таъмин ва кафолатнок карда шавад.

Мононорма хоси зинаҳои табиатии эволютсияи ҷаҳонӣ, сатҳи расиш ба ҷомеа, ҷомеаи ибтидоӣ, гузариш аз ҷомеаи ибтидоӣ ба ҷомеаи синфӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар мисоли пайдоиши ҳуқуқи мусулмонӣ дар ҷомеаи арабҳои нимҷазираи Арабистон мо ба таври равшан инъикоси мононормаро дар қоидаҳои рафтори ҷойдошта ва минбаъд бо ислом муқарраршуда дида метавонем.

Пеш аз ҳама, дар аҳди исломи бармаҳал ин бештар зоҳир гардидааст. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мусулмонӣ, яъне Қуръон ва Суннат хислати муқаддаси диниро фарогир буда, дар татбиқ ва таъмини худ ба давлат эҳтиёҷ надоштанд. Меъёрҳои онҳо мазмуни абадӣ, тағйирнопазир ва бенуқсон доштанд. Дар онҳо қоидаҳои динӣ, ахлоқӣ, урфӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо нестанд, балки дар шакли якҷоя ва муттасил баромад мекунанд. Ҳамчунин табиати ин сарчашмаҳо муқовимат ва рақобати мутақобилаи ду ҷанба, яъне кӯҳнапарастӣ ва ратсионализмро дар моҳияти худ инъикос мекунад, ки ин хусусият

минбаъд дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши мактабҳои ҳуқуқӣ таъсири худро мегузорад. Меъёрҳои ин сарчашмаҳо, албатта, сатҳи ҷаҳонбинӣ, дарккунӣ ва шуурнокии инсони ҷамъияти он давраро фарогир буданд. Бинобар ин, имрӯз бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, психологӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, дигар омилҳои пайдоиши ислом дар ҷамъияти Арабистони оғози асри VII ва умуман шароити давраи бармаҳали асрҳои миёна омӯзиши низоми ҳуқуқи мусулмонӣ аҳамияти актуалӣ дорад. Дар ин самт, бо фикри олими машҳури медиевист А.Я. Гуревич розӣ нашудан мумкин нест: «агар мо хоҳем, ки гузаштаро чунон ки дар асл буд, омӯзем, мо наметавонем ба он кӯшиш накунем, ки нисбат ба он мувофиқ ба ҷанбаҳои он наздик шавем, онро ба таври имманентӣ омӯзем ва сохтори дохилии аслии онро кушода, дар як вақт эҳтиёт намоем то ба он баҳодиҳии имрӯзаи худро бор накунем».[3, с.7]

Чунин методологияи тадқиқ, ки қонуниятҳои умуми ҷаҳонии генезиси ҳуқуқ, мавқеи адолати судӣ дар пешравии ҳуқуқ ва назари фарҳангӣ-таърихиро дар бар мегирад, албатта, дар ҳалли бисёр муаммоҳои имрӯза, ки дар инкишофи ҳуқуқи мусулмонӣ ва умуман ислом дида мешаванд, нақши муҳим дошта метавонад.

**_Пайнавишт:_**


1. *Бӯриев И.Б. Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ. Нашри 2. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 232 с.*
2. *Грюнебаум Г.Э., фон. Классический ислам. Очерк истории (600-1258) /Пер. с англ. И.М. Дижура. Предисл. В.В. Наумкина. – Москва: Наука, 1986. – 216 с.*
3. *Гуревич А.Я. Категории средневековой культуры. – Москва: Искусство, 1972. – 320 с.*
4. *Давид Р., Жоффре-Спинози К. Основные правовые системы современности / Пер. с фр. В.А. Туманова. – Москва, 1998. – 400 с.*
5. *Керимов Г.М. Шариат: закон жизни мусульман. Ответы шариата на проблемы современности. – Санкт-Петербург: Дилья, 2007. – 512 с.*
6. *Коран /Перевод смыслов Э.Р. Кулиева. Издание пятое, исправленное и дополненное. – Москва: УММА, 2004. – 688 с.*
7. *Муромцев Г.И. Мононорма как стадия становления права //Вестник Московского университета МВД России. – Москва, 2017. - №3. – С. 93-96.*
8. *Обидов Д.С. К вопросу формирования и сущности исламской концепции правосудия //Вестник ТГУПБП. - Худжанд, 2013. - № 3 (55). – С.11-13.*
9. *Першиц А.И. Проблемы нормативной этнографии /Исследования по общей этнографии /Сборник статей. - Москва: Наука, 1979. - С. 210-240.*
10. *Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - Санкт-Петербург: Питер, 2015. – 705 с.*
11. *Сюкияйнен Л.Р. Мусульманское право. Вопросы теории и практики. – Москва: Наука, 1986. – 256 с.*
12. *Фюстель де Кулланж Нюма, Дени. Древняя гражданская община: исследование о культе, праве, учреждениях Греции и Рима /Пер. с фр. – Изд. 3-е. – Москва: Красанд, 2011. – 354 с.*
13. *Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 476 с.*
14. *Чердянцев А.Ф. Теория государства и права: учебник для вузов. — Москва: Юрайт-М, 2002. – 432 с.*
15. *Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. - Москва: Издательство политической литературы, 1989. – 240 с.*


**_Reference Literature:_**


1. ***Buriev I.B.*** *The History of Politico-Juridical Ideas. The 2-nd edition. – Dushanbe: Cognition, 2016. – 232 pp.*

2. ***Gryunebaum G.E., von***. *Classical Islam. The Essay of History (600-1258)//Translation from English by I.M. Dijour. Preface by V.V.Naumkin. – Moscow: Science, 1986. – 216 pp.*
3. ***Gurevich A.Ya.*** *The Category of Mediaeval Culture. – Moscow: Art, 1972. – 320 pp.*
4. ***David R., Joffre-Spinosi K.*** *Major Law Systems of Contemporaneity// Translation from French by V.A. Tumanov. – Moscow, 1998. – 400 pp.*
5. ***Kerimov G.M.*** *Shariat: Muslim's Life Law. Shariat Responces to the Problems of Contemporaneity. – Saint-Peterburg: Dilya, 2007. – 512 pp.*
6. ***The*** *Koran//Translation of Senses by E.R. Kuliev. The fifth edition, revised and enlarged. Moscow: UMMA, 2004. – 688pp.*
7. ***Muromtsev G.I.*** *Mononorm as a Stage of Law Formation// Bulletin of Moscow University under the Mininstry of Home Affairs of Russia. – Moscow, 2017, №3. – pp. 93-96*
8. ***Obidov D.S.*** *To the Issue of Formation and Essentiality of Islamic Justice Conception/ Bulletin of TSU LBP. Khujand, 2013, №03 (55). – pp. 11-13*
9. ***Pershits A.I.*** *Normative Ethnography Problems//Researches in General Ethnography//Collection of Articles. – Moscow: Science, 1979. – pp. 210-240*
10. ***Rubinstein S.L.*** *The Grounds of General Psychology. – Saint-Peterburg: Peter, 2015. – 705 pp.*
11. ***Syukiyainen L.R.*** *Moslemic Law. Issues of Theory and Practice. – Moscow: Science, 1986. – 256 pp.*
12. ***Fustel de Coulange Numa, Deni***. *Ancient Civil Community: Exploration Beset with Culture, Law, Institutions of Greece and Rome//Translation from French. – The 3-rd edition. – Moscow: Krasand, 2011. – 354 pp.*
13. ***Holikov A.G.*** *Islamic Law. – Dushanbe: Er.Graph, 2010. – 476 pp.*
14. ***Cherdyantsev A.F.*** *The Theory of State and Law: Manual for higher schools. – Moscow: Yurait-M, 2002. – 432 pp.*
15. ***Engels F.*** *The Origin of Law, Private Property and State. – Moscow: Political Literature Publishing-House, 1989. – 240 pp.*